СУРАТМАҶЛИСИ № 14
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA–079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ

21 июни соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 364/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабаби узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ.

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи “Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ баромад намуд ва аъзои шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Ш. Шоисматуллоев (раис), доктори илмҳои сиёсӣ, профессор П.А. Муҳаммадзода (аъзо) ва доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Л.Ш. Шарифзода (аъзо).

Қарор қабул карда шуд:

1. Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи “Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ таъйин карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:

— доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Шоназар;

— доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон;

— доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф.

Қарор бо як овоз қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода С.З.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Н.Н.